Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҳаитбоева М.А. ба таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои нисбатан камтаҳқиқшуда дар соҳаи таърихи фалсафаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи андешаҳои эстетикии мутафаккирони гузаштаи миллат муҳим мебошад. Муҳити фарҳангии замони муосир тақозо менамояд, ки дар баробари дигар арзишҳои маънавӣ ба арзишҳои эстетикии фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона гардад, зеро бо таъсирпазирӣ аз таъсироти ҷаҳонишавӣ бегонашавии фарҳангии насли муосир эҳсос мегардад, ки қисмате аз онҳо ба завқ ва шуури зебоипарастӣ рабт доранд. Аз ҷониби дигар, бо вуҷуди пешравиҳои илмию техникӣ ҳанӯз ҳам таассуб ва хурофотпарастӣ дар сатҳи муайян қарор дошта, бо истифода аз психологияи дин насли наврасу ҷавон мавриди мағзшӯӣ қарор гирифта, пайравӣ аз ҳар гуна арзишҳои бегона, аз ҷумла тарзи пӯшиши либос, ороиши зоҳирӣ, инкори шаклҳои мухталифи санъат ва монанди инҳо мушоҳида мегардад, ки метавонад оқибати на он қадар хуб дошта бошад. Диссертант ба маврид қайд менамояд, ки «фазои фарҳангии замони муосирро на танҳо мушкилоти ахлоқӣ, инчунин мушкилоти эстетикиву инсонгароӣ низ фаро гирифтааст, ки ҳар лаҳза, метавонад фарҳангҳои суннатӣ ва арзишҳои эстетикиву маънавии дар тӯли асрҳо шаклгирифтаро рахна намуда, шуури насли муосирро мутеи худ гардонад. Дар ин раванд, таълимоти арзишманди мутафаккирони фарҳанги гузашта, аз ҷумла Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ метавонад муфид бошад». Вобаста ба ин, гуфтан ҷоиз аст, ки масоили марбут ба шуури эстетикӣ, шинохти мазмун ва моҳияти мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар маҷмуъ ва таҳлили масоили зикргардида дар таълимоти яке аз мутафаккирони соҳибандешаи миллӣ муҳиммияти тоза касб менамояд. Воқеан, дар шароити муосир танҳо миллате метавонад дар муқобили таъсироти манфии ҷаҳонишавӣ қобилияти истодагарӣ дошта бошад, ки арзишҳои маънавии фарҳангии хешро эҳтиром ва хусусияти инсонгароёнаи онҳоро ҷиҳати тарбияи насли муосири хеш дар руҳияи худшиносиву худогоҳӣ истифода намояд.

Диссертатсияи Ҳаитбоева М.А. дар самти таҳқиқи моҳият ва мазмуни мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони

Ҷомӣ дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст, дар доираи талаботи муқараргардида ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқро муайян, ҳадаф ва вазифаҳоро мушаххас ва ҳамоҳангии мантиқии онҳоро таъмин намояд. Ҳамин аст, ки объект ва предмет ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, аз иҷрои вазифаҳои гузошташуда муаллиф ба мақсади муайяннамудаи худ ноил гардидааст. Ҳамзамон, навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои бадастомада, тавъам мебошанд. Дар иртибот ба андешаҳои баёнгардида, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Унвончӯ Ҳаитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна соли 1987 факултети математика-физикаи Институти педагогии Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ)-ро ҳатм карда, аз ҳамон сол фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси ассистенти кафедраи фалсафаи ҳамин Донишгоҳ оғоз намудааст. Аз соли 1993 фаъолияти худро дар кафедраи фалсафаи маданияти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров идома додааст. Айни замон дар кафедраи фарҳангшиносии донишгоҳи номбурда ба ҳайси сармуаллима кору фаъолият дорад. Соли 2017 дар кафедраи мазкур ба ҳайси унвончӯ (фармоиши №20 аз 24.01.2017) қабул гардидааст.

Диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» аз муқаддима се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима муҳиммияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд. Муваффақияти муаллифи диссертатсия дар он аст, ки тавассути методологияи байнифаннӣ, усулҳои таърихӣ, тавсифӣ, диалектикӣ, арзишӣ, муқоисавӣ ва методҳои дигари умумиилмии соҳавии фалсафӣ андешаҳои масъалаи мавриди назари хешро баррасӣ ва барои замони муосир то кадом дараҷа мувофиқат намудан ва арзишманд будани онро муайян намудааст.

Қисмати асосии диссертатсияро масъалаи мушаххас намудани вазъи иҷтимоию фарҳангии замони зиндагии мутафаккир, муайян намудани асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафаи Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ,

таҳлили таҳлили мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар осори мутафаккир, инчунин таҳлили мазмун ва муҳтавои мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ ташкил менамояд.

Дар боби якум "**Вазъи иҷтимоию фарҳангии замони абдураҳмони ҷомӣ ва асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии ӯ оид ба зебоишиносӣ**" мавриди таҳлилу баррасии диссертант қарор гирифта, дар доираи ду зербоб – "**Вазъи иҷтимоию фарҳангии замони Абдураҳмони Ҷомӣ**" ва "**Асосҳои ҷаҳонбинӣ ва фалсафии Ҷомӣ оид ба зебоишиносӣ**" онро ҳаллу фасл намудааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки диссертант вазифаҳои муайянкардаи худро иҷро ба ҳадаф ноил гардида, ҷиҳати таҳлилу таҳқиқи бобҳои дуюм ва сеюми диссертатсия заминаи мусоид гузоштааст.

Боби дуюми кори диссертатсионӣ ба баррасии "**Системаи мафҳумҳои зебоишиносӣ дар Осори Абдураҳмони Ҷомӣ**" ихтисос дода шуда, дар ду зербоб: "Мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар осори мутафаккир" ва "Мазмуни мафҳуми "ҳунар" ва асоси эстетикии он дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ" мавриди коркарди диссертант қарор дода шудааст. Диссертант тавонистааст, ки бо истифода аз усулҳои умумифалсафӣ ва умумимантиқӣ масъалаи мавриди таҳқиқи худро таҳлил ва хулосаи дурусти илмӣ пешниҳод намояд. Мафҳумҳои бунёдии зебоишиносӣ дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ муайян ва бо мафҳумҳои эстетикаи муосир муқоиса карда шуда, ҳамоҳангӣ ва арзиши илмии онҳо нишон дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия "**Мазмун ва муҳтавои мақулаҳои консептуалии зебоишиносӣ дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ**" мавриди таҳқиқи диссертант қарор гирифта, дар доираи се зербоб таҳлилу баррасӣ гардидааст. Дар зербоби якуми боби мазкур **"Мазмун ва муҳтавои мақулаҳои "зебоӣ" ва "зиштӣ"** дар осори Ҷомӣ баррасӣ гардида, хулосаҳои асосноки илмӣ пешниҳод шудааст. Дар зербоби дуюми диссертатсия **"Тавсифи мақулаҳои "шукуҳ" (олӣ) ва "разилӣ"(сифлӣ)"** таҳлилу баррасӣ гардида, тибқи мақсади муайянгардида натиҷагирӣ карда шудааст. Дар зербоби сеюми боби сеюм "**Таносуби мақулаҳои "фоҷиа" ва "мазҳака**" таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирӣ карда шудааст. Муаллифи диссертатсия боби сеюми рисолаи худро тариқи методологияи дурусти илмӣ ва усулҳои фалсафӣ таҳқиқ намуда ба мақсади гузоштаи худ ноил гардидааст.

Ҳамин тариқ, диссертант дар асоси таҳлили осори Абдураҳмони Ҷомӣ мазмун ва моҳияти мафҳум ва мақулаҳои зебоишиносиро таҳлилу баррасӣ намуда, нахуст асосҳои ҷаҳонбинӣ ва низоми фалсафии мутафаккирро муайян, мафҳумҳои бунёдии эстетикиро ба тавр

системавӣ таҳлил, мазмун ва моҳияти мақулаҳои консептуалии зебоишиносиро дар эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ таҳқиқ намуда, хулосаҳои илман асоснокро пешниҳод кардааст. Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербоҳои диссертатсия тааллуқ дошта, такрори айнии хулосаҳои зербобҳо набуда, дар маҷмуъ натиҷаи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳайитбоева Муқаддас Аҳмадҷоновна дар мавзуи «Мазмун ва муҳтавои мафҳумҳо ва мақулаҳои зебоишиносӣ дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2 – Таърихи фалсафа барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои фалсафа, мудири кафедраи
таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ Амирхон Ш.Т.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
м. Буни Ҳисорак (шаҳраки Донишҷӯён),
м. Ховарон, минт. 7, х. 100. Тел: +992 933-313-20-20,
E-mail: amirkhonov81@mail.ru

Имзои Ш. Амирхонро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
17.06.2026

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ,17, tgnu@mail.ru. Тел: +992 2217711